# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм.** Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот аз ҷумла, бандҳои 3, 4, 5 мувофиқат мекунад.

**Муҳим ва мубрам будани мавзуи диссертатсияи** Саиднуриддинзода Аҳлиддин дар он ифода мегардад, ки тарбияи ватандӯстӣ ва таҳқиқу баррасии масъалаҳои марбут ба ин мавзуъ аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гардидани давлати тоҷикон дар меҳвари сиёсати маорифпарварона ва фарҳангбунёдонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мадди аввал қарор доранд. Яъне аз ибтидои Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар руҳияи дуруст тарбия намудани насли давраи муосир ва бо арзишҳои тарбияи ватандӯстӣ, ба мисли ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таъмини сулҳу субот, тамомияти арзии давлат ва дигар арзишҳо ошно ва мусаллаҳ намудани тамоми қишри ҷомеа аз корҳои меҳварии давлату ҳукумат ба шумор меравад. Аз ин рӯ дар ин самт дар тӯли беш аз сӣ сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 406 санади қонунгузорӣ қабул шудааст, ки аз ин шумора 45 конун ба таври умумӣ масъалаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро танзим менамоянд. Афзун бар ин то имрӯз зиёда аз 10 консепсия, стратегия ва барномаҳои махсуси тарбияи ватандӯстӣ қабул ва амалӣ шуда истодааст, ки ҳамаи ин аз муҳимму мубрам будани масъали тарбияи ватандӯстӣ ва серпаҳлу будани ин мавзуъ дарак медиҳад.

Кори диссертатсионии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин, ки таҳти унвони “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ таълиф шудааст, пеш аз ҳама, дар меҳвари худ татбиқу амалашавии ин садаҳоро аз як ҷониб фароҳам меорад ва аз ҷониби дигар роҳу усулҳои нави тарбияи ватандӯстиро дар фазои маорифи миллӣ таҳқиқу баррасӣ намуда, хусусуятҳои педагогии онро тавассути унсурҳои таъриху кишваршиносӣ арзёбӣ мекунад. Зеро тарбияи ватандӯстӣ маънои, махсусан, дар хонандагон тадриҷан ва устуворона ташаккул додани меҳру муҳаббат нисбат ба Ватанро дорад. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд кардааст, ки ватандӯстӣ яке аз хусусиятҳои муҳимтарини шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта ва муҳимтарин хусусияти таъсиргузории ӯ ба муҳит ва ҷомеа ҳисобида мешавад. Зеро маълум аст, ки солҳои охир бо мураккаб шудани вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ, вусъат гирифтани таҳдиду хатарҳои замони муосир, беш аз пеш, арзиши Истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва дар умум, пойдории давлатдории миллӣ масъалаи мубраму муҳим махсуб гардида, таҳқиқи усулҳои муосир ва тадқиқи роҳҳои муассири ин мавзуъ амри зарурӣ ва иҳтиёҷ ба ковишҳои илмӣ гаштааст. Яъне ин ва дигар омилҳо мубрамияти мавзуи таҳқиқоти мазкурро муайян кардааст.

Илова бар ин, муҳаққиқ дуруст таъкид кардааст, ки тавассути роҳҳои гуногун, равишу фанҳои гуногун дар мактаббачагон ташаккул додани ҳисси ифтихор нисбат ба Ватан ва халқи худ, эҳтиром нисбат ба корнамоиҳои бузург ва саҳифаҳои шоёни гузаштаи худ бояд ҷоннок карда шавад. Барои он ки донишомӯз дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбият ёбад, бояд, ки дар худ сифатҳои зарурии ахлоқӣ ва ватандӯстиро ташаккулу инкишоф диҳад. Зеро дар шароити бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, авҷ гирифтани низоъҳои динию мазҳабӣ, гаравиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, нигаронии ахлоқу рафтори қисме аз наврасону ҷавонон моро водор месозад, ки дар таълиму тарбияи ин қишри осебпазири ҷомеа тадбирҳои судманду саривақтӣ андешида, аз василаҳои таъсиргузори маънавӣ самаранок истифода намоем. Барои расидан ба ин ҳадафҳои пешгузошта таҳким

бахшидани робитаҳои се ниҳодҳои иҷтимоӣ: муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа ва муҳити оила муҳим буда, ба рушди сифатҳои ахлоқӣ ва эҳсоси ватандӯстиву худшиносии хонандагон таъсири амиқ мегузорад.

Бар асоси таҳлилу таҳқиқи нуктаҳои меҳварии рисола диссертант ба хулосаи саҳеҳи илмӣ расидааст, ки бояд тарбияи дурусти ҷавонони ҷумҳурӣ бо дар назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ ва аҳаммияти хоссаи он ба роҳ монда шавад, ки ин нукта мубрамияти интихоби мавзуро таъмин мекунад. Дар баробари ин, фаъолияти босамари омӯзгорон дар раванди таълиму тарбияи хонандагон таъсиргузор буда, ба бедории эҳсоси ватандӯстиву худшиносии миллӣ, парваридани муҳаббати самимӣ нисбат ба ин сарзамини аҷдодӣ ва ҳифзи хоки поку муқаддаси меҳан мусоидат мекунад.

Бо назардошти андешаҳои муҳаққиқи рисола дар замони истиқлоли давлатӣ назария ва методикаи фаъолияти педагогии омӯзгорон дар самти тарбияи ватандустӣ муҳим ба шумор рафта, такмилу инкишофи он зарур дониста мешавад. Зеро тарбияи ватандӯстии хонандагон ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ буда, сифатҳои олии хештаншиносию ватандӯстии хонандагонро баланд мебардорад.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло зикршуда аз они шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи унвонҷӯ Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар шароити кунунӣ ниҳоят муҳим ва дорои аҳаммияти махсуси назариявию амалӣ буда, он ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ мусоидат мекунад.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин аз арзиши илмиву аҳаммияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳои муҳимми хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, унвонҷӯ Саиднуриддинзода Аҳлиддин дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳиммеро вобаста ба

мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, зимни таҳлили амиқи адабиёт, сарчашмаҳои илмӣ, баррасию шарҳи тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба танзими онҳо, омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои гуногуни истифодаи восита ва хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ, ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ, муайян кардани муҳтавои педагогӣ, моҳият ва мавқеи ватандӯстӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ба **навгониҳои илмии** зерин муваффақ гардидааст. Аз ҷумла:

- Ташаккули эҳсоси ватандӯстиву худогоҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи осору таҷрибаи амиқи ниёгонро бодарназардошти падидаҳои замони муосир мавриди омӯзишу таҳлили мушаххас қарор дода, самтҳои афзалиятнокро дар ин ҷода муайян намудааст

- моҳият, мазмун ва хусусиятҳои тарбияти меҳанпарастии донишомӯзони синфҳои болоӣ бо такя ба осори таърихӣ ва маҳалли зисти хонандагон дар машғулиятҳои синфӣ ва фориғаздарсӣ ва умури эҷодии онҳо собит шудааст, ки ин қабил фаъолиятҳо ҳамчун омили болоравии худшиносии донишомӯзон ва меҳанпарастии онҳо шинохта шудааст;

- муҳтаво ва мундариҷаи возеҳу равшан, шаклу равишҳои тадрис, ки боровариии раванди тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути фанни кишваршиносӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлолро таъмин мекунанд, аз ҷониби диссертант дар амалияи корҳои тарбиявӣ ва корҳои фориғаздарсӣ асоснок ва ба таври таҷрибавӣ санҷида ва пешниҳод шудаанд;

Аз ин ҷо, унвонҷӯ дар натиҷаи муайян намудани тозагии таҳқиқоти хеш нуктаҳои асосии зеринро ҳамчун нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда манзур намудааст. Аз ҷумла:

– асоснoккунии омилҳое, ки ҳамчун воситаи муҳими тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи маводи таъриху кишваршиносӣ мусоидат мекунанд;

– кори пурбор ва пурсамари муассисаҳои таълимӣ дар масири

меҳанпарастӣ ва боло бурдани худшиносии хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни машғулиятҳои фориғаздарсӣ;

– ҷалби донишомӯзону хонандагон ба корҳои донишандӯзӣ, ки дар ҷараёни фарогирии таърихи маҳалли зисти онҳо роҳандозӣ мегардад;

– умури инфиродӣ ва муштараку дастаҷамъонаи эҷодии хонандагону донишомӯзони синфҳои болоӣ дар ҷодаи сайёҳӣ, таърих, кишваршиносӣ ва музейҳо, мунҷар ба боло рафтани эҳсоси ватанпарастии онҳо мегардад;

– ошноии бештару амиқтарии хонандагони синфҳои болоӣ ва куллан донишомӯзони макотиб ба маконҳои таърихии маҳалли зисти хеш ва маконҳои дигари таърихии мамлакат ва шахсиятҳои таърихӣ боиси боло рафтани эхсоси ватанпарастӣ, худшиносии онҳо ва арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва эҷоди эҳсоси баланди меҳанпрастию ватандӯстӣ дар ботини онҳо гашта, мунҷар ба тақвияту таҳкими устувори ин эҳсос мегардад;

– бороварӣ ва самарбахшии ҷараёни тарбияти меҳанпарастӣ ва ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ба корҳои муштараки эҷодӣ, омӯзишӣ ва доир кардани корҳои тадқиқотӣ алоқаманд мебошад: таҳияи иншо, иҷрои тарҳҳои донишҷӯён оид ба таърих ва тамаддуни кишвар, кори муштараки донишҷӯёну омӯзгорон дар семинарҳо, омода намудан ва доир кардани мулоқоту суҳбатҳои хислати ватандӯстидошта ва ғайра.

Дар ин замина, метавон тасдиқ намуд, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро мубраму саривақтӣ ва дархӯри ниёзҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар арзёбӣ кунем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва озмоишҳои баргузорнамудаи Саиднуриддинзода Аҳлиддин, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнходкардаашро дар амал тасдиқ намудааст.

Яъне навгониҳои илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшударо собит месозанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда;**

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ; мантиқӣ-илмии тадқиқи масъала тавассути интихоби методҳои ба предмет, ҳадаф ва вазифаҳои тадкикот муносиб, давомнокии кори таҷрибавию озмоишӣ, таҳлили бонизоми натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни тадқиқот ба даст омадаанд.

Яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола масъалаи тарбияи ватандӯстӣ роҳҳои ташаккули онро ҳам аз дидгоҳи олимону пажуҳишгарони варзидаи ватанӣ ва ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ҳаматарафа омӯхта, онро дар асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», Консепсияи миллии маълумоти ҶТ, Консепсияи миллии тарбия, ҳуҷҷатҳои муҳимми директивии Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мавзӯи баҳси онҳо соҳаи маориф ва масоили аз ҷониби диссертант таҳқиқшавандаи педагогика ташкил медиҳанд таҳлил ва баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳоди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кардааст. Барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимон, мутафаккирон, муаррихон ва адабиётшиносони маъруфи гузаштаву муосири тоҷик, хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро далел овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит сохтаанд.

Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баррасӣ гардидаанд ва дар амалияи фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ татбиқ карда шуданд.

**Аҳаммияти назариявии ва амалии таҳқиқотро** метавон мухтасаран бо чанд нукта баён дошт. Аз ҷумла, дар кори диссертатсионии Саиднуриддинзода Аҳлиддин ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти муқарраroти назариявии бунёдии илм ва таҷрибаи педагогӣ илман асоснок карда шудааст.

Ҳамчунин заминаҳои назариявии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, тамоюлоти арзишӣ дар шароити дигаргуниҳои куллии иҷтимоӣ ва муносибатҳои гуногунҷанба дар фазои муосири таълимӣ коркард шудаанд;

Вежагиҳои педагогӣ ва дидактикӣ, инчунин нақши технологияҳои иттилоотӣ-иртиботии муосир дар ҳалли масоили таҳқиқшаванда ошкор карда шудаанд;

- консепсия ва стратегияи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар заминаи таълими фанҳои таълимии силсилаи таърихӣ-ҷамъиятӣ коркард гардидаанд;

- мафҳумҳои «фарҳанги шаҳрвандӣ-ҳуқуқии хонанда», «ҳисси ватандӯстии хонандагон», «шаҳрванд-ватандӯст», ки ҳангоми тавсифи пойгоҳи илмӣ ва татбиқи проблематикаи таҳқиқшаванда зарур арзёбӣ мегарданд, васеъ карда шудаанд.

Дар баробари ин дар кори диссертатсионӣ **аҳаммияти зиёди амалӣ низ** нуҳуфтааст. Масалан, аз ҷониби диссертант дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти гузаронидани таҳлили педагогӣ ва ташхиси сифати ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ асоснок карда шуда, барои баланд бардоштани сифати чорабиниҳо дар самти мазкур тавсияҳо манзур гардидааст. Аз ҷумла:

- дурнамои истифодаи амалии хулосаҳои назариявӣ, натиҷаҳо ва маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баланд бардоштани иқтидори коллективи педагогии муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда шудааст;

- натиҷаҳои бадастомада, мавод ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ҷустуҷӯйи карорҳои нави педагогӣ, коркарди низомҳои муаллифӣ, ки самтҳои афзалиятноки мукаммалгардонии мазмуни технологияи ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва шуури ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумиро дар шароити муосири тарбияи шаҳрвандони ватандӯст ва дорои маънавиёти воло муайян мекунанд, ҳамчун асос хизмат карда метавонанд;

- тавсияҳои илмӣ-методие, ки имкониятҳои функсионалии технологияҳои муосири ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва шуури ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумиро ошкор месозанд ва ба баландбардории мавкеи фаъоли шаҳрвандӣ ва ҳисси ватандӯстии насли наврас мусоидат менамоянд, коркард ва татбиқ карда шудаанд;

- ҳангоми коркарди курси назариявӣ ва амалии педагогика, фанҳои мактабии силсилаи таърихӣ-ҷамъиятӣ, курсҳо ва семинарҳои махсус аз рӯйи категорияи фанҳои мазкур татбиқи васеъ ва истифодаи маводи диссертатсия имконоти мувофиқ дорад;

- маводи кори диссертатсиониро метавон ҳангоми омода намудани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои омӯзгорон бо дарназардошти самти ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва ҳисси баланди ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди истифода карор дод.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ**. Натиҷаҳои таҳкикот дар 14 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-тояшро монография, дастурҳои таълимӣ, 6-тояшро маколаҳои илмии дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида, 4-тояш дар алоҳидагӣ ва 5-тои бокимондаашро маколаҳои дар дигар нашрияҳо баҷопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия тибки талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо

аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, таҳия ва ба тартиб дароварда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи унвонҷӯ Саиднуриддинзода Аҳлиддин дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки қаблан зикр гардиданд, диссертатсия ва автореферат аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки ёдрас намудани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Масалан:

1. Диссертант дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои моҳият ва хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоиро тавассути таъриху кишваршиносӣ вобаста ба мавзуъ ба таври мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Вале дар ин қисмат таҳлили асарҳо, андешаҳои муҳаққиқон ва олимони ватанӣ оид ба ин раванд дар шароити имрузаи кишвар ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд.

2. Дар рисола хуб мебуд, ки дар бораи роҳ ва усулҳои хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоиро тавассути таъриху кишваршиносӣ пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ дода мешуд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиат ва беҳтар гаштани сифати он мебошад

Дар маҷмуъ, камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонанд, диссертатсия унвонҷӯ кори анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқӣ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ.**

1.Диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳикотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ иҷро шудааст.

2.Унвонҷӯй ба ҳадафҳои дар тадҳикот пешгузоштааш ноил шуда, вазифаҳои илмиро хуб ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи тадкикот тасдики худро ёфтааст.

3.Диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори

илмҳои педагогӣ, дотсент,

директори Коллеҷи омӯзгории

шаҳри Ҳисор Давлатзода Ҷамила

Маълумот барои тамос:
Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор, 735020. ш.Ҳисор, кӯчаи Камоли Хуҷанди 2А. Тел.: +(992)8313925430, 907950635 E-mail: kgiss12@mail.ru, z.nabotov@mail.ru

08.08.2024

“Имзои Давлатзода Ҷамиларо тасдиқ мекунам”.
Сардори РК ва КМ-и Коллеҷи омӯзгории
шаҳри Ҳисор Ниёзова З.Л.